## Кормандони маҳаллии Сафорати ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ карда мешаванд

Санаи 29 апрели соли равон байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба андозбандӣ намудани кормандони маҳалии Сафорати ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишнома баста шуд.

Созишнома оид ба андозбандӣ намудани кормандони маҳалии Сафорати ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорати корҳои хориҷӣ аз ҷониби Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода ва сафири ИМА дар Тоҷикистон Сюзан Эллиотт бо иштироки Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Аслов ба имзо расонида шуд.

Мавриди зикр аст, ки ИМА дар ҷаҳон яке аз мамлакатҳои мутараққӣ ба ҳисоб рафта, 25 декабри соли 1991 аввалин шуда Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари мустақил расман пазируфтааст. Аз ҳамон замон то инҷониб муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистону Амрико дар ҳоли рушд қарор дорад.